آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

2 ноябри соли 2024 Шанбе № 88 (15099)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ИСЛОҲОТ ДАР ВИЛОЯТИ НАВОӢ БА САТҲИ НАВ БАРДОШТА ШУД, МАҚСАДҲО МУШАХХАСТАР ГАРДИДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев барои шинос шудан бо иншооти бузурги саноатӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ, созмонҳои соҳаи иҷтимоӣ, ҳамчунин ба истифода супурдани лоиҳаҳои нав 31 октябр-1 ноябр аз вилояти Навоӣ боздид ба амал оварда.





Рӯзи дуюми сафари сарвари давлатамон ба вилояти Навоӣ бо рӯйдоди фараҳбахш оғоз ёфт. Бо иштироки намояндагони аҳли ҷамъият маросими бахшида ба эълони лоиҳаҳои нав барпо гардид.

Солҳои охир дар вилояти Навоӣ соҳибкорӣ фаъолона инкишоф ёфта, таваҷҷуҳи сармоягузорон ба минтақа афзоиш меёбад. Танҳо дар соли 2023 дар вилоят ба маблағи беш аз 101 триллион сӯм маҳсулоти саноатӣ истеҳсол ва ба 648 миллион доллар содир карда шуд. Ҳамчунин тақрибан 478 миллион доллар сармояи хориҷӣ азхуд гардад, гардиши савдои хориҷии минтақа ҳудуди 1,3 миллиард доллярро ташкил дод. Дар вилоят зиёда аз 300 корхонаи хориҷӣ кор мекунад ва шумораи онҳо муттасил зиёд мешавад.

Дар маросим 15 лоиҳаи нав эълон карда шуд.

Аз ҷумла, лоиҳаҳои истихроҷ ва коркарди варақсанги сӯзанда дар ноҳияи Конимех, сохтмони неругоҳи фотоэлектрии офтобӣ бо иқтидори 300 мегаватт ва низоми нигаҳдории неруи барқ барои 75 мегаватт дар ноҳияи Кармана, истеҳсоли газҳои техникӣ дар шаҳри Навоӣ, коркарди мармар дар Газғон ва хоросанг дар Зарафшон, истихроҷ ва ғанигардонии каолин дар ноҳияи Учқудуқ, инчунин оид ба истеҳсоли хӯроки моҳӣ дар вилояти Хатирчӣ оғоз ёфтанд.

Корхонаҳои истеҳсоли сулфати калий ва кислотаи сулфат дар ноҳияи Кармана, селлюлозаи пахта дар шаҳри Навоӣ, инчунин коркарди гранит дар ноҳияи Нурато ба кор андохта шуданд.

Арзиши умумии 15 лоиҳа 3 миллиарду 600 миллион доллярро ташкил медиҳад. Ба шарофати онҳо зиёда аз 7 ҳазор ҷойи кор ташкил мегардад.

Президент Шавкат Мирзиёев тугмаи рамзиро пахш кард ва ба сохтмон ва фаъолияти лоиҳаҳои нав оғоз бахшид.

Пас аз ин дар ноҳияи Навбаҳор оид ба масъалаҳои рушди иқтисодиёти вилояти Навоӣ, зиёд кардани даромади аҳолӣ ва беҳтар гардондани инфрасохтори иҷтимоӣ ҷамъомад баргузор гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев дар аввали суханаш таъкид намуд, ки интихобот ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, Ҷоғарги Кенеси Қароқалпоқистон ва шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ, ки ба қарибӣ баргузор гардид, дар рӯҳи тамоюлҳои демократӣ гузашт ва ба шаҳрвандон барои иштироки фаъолонаашон дар он миннатдорӣ изҳор намуд.

Вилоят, ки ба шарафи ниёи бузургамон – Алишер Навоӣ номгузорӣ шудааст, бояд намунаи тарбияи маънавӣ ва рушди маърифат гардад. Дар ин ҷанбаъ сарвари давлат пешниҳод кард, ки 2025 дар вилоят Соли Алишер Навоӣ эълон карда шавад. Дар чаҳорчӯби ин ташаббус озмуни ҷумҳуриявӣ ва хонишиҳои Навоӣ баргузор гардида, барои ҷавонон китобҳо нашр ва аз рӯи осори шоир филмҳо ба навор гирифта мешавад. Дар шаҳраки «Навоии Нав» ҳайкали муҳташам ва осорхона сохта мешавад.

Дар соҳаи иқтисодиёт нишондиҳанда ва нақшаҳо муфассал таҳлил шуданд. Тӯли ҳафт соли охир дар Навоӣ 6,5 ҳазор лоиҳа ба 8 миллиард доллар татбиқ гардида, ба миқдори 27 триллион сӯм арзиши иловагӣ фароҳам оварда шуд. Шумораи соҳибкорон се баробар афзуд. Дар ин муддат иқтисодиёти вилоят аз ҷойи нӯҳум ба ҷойи сеюм баромада, ба 82 триллион сӯм расид. Соли ҷорӣ 577 лоиҳа ба 2,2 миллиард доллар татбиқ мешавад, ки 10 ҳазор ҷойҳои корӣ сердаромадро фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, имкониятҳои назаррас барои рушд боқӣ мемонанд. Вилояти Навоӣ дар маркази кишвар ҷойгир буда, захираҳои бузурги табиӣ, инфрасохтори пешрафта ва иқтидори баланди инсонӣ дорад. Дар ҳудуди вилоят 20 фоизи захираҳои маъдании Ӯзбекистон мавҷуд аст, ки тахминан беш аз 5 триллион доллярро ташкил медиҳад. Ин имкони қонеъ гардондани талаботи ҳар гуна сармоягузорро фароҳам меорад.

Дар вилоят ҳар сол ба беш аз 100 триллион сӯм маҳсулоти саноатӣ истеҳсол мешавад. Даромад ба сари аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ҷойи дуюмро ишғол менамояд, ки барои рушди соҳибкории маҳаллӣ, савдо, соҳаи хидматрасонӣ, хӯроки умумӣ ва сайёҳӣ имкониятҳои калон фароҳам меорад.

Дар ин ҷо соле 11 миллиард киловатт соат қувваи барқ истеҳсол мешавад, неругоҳҳои барқии бодӣ ва офтобӣ, ки иқтидори умумии онҳо 5,2 гигаватт мебошад, ба қарибӣ ба кор андохта мешаванд. Ин кори бефосилаи корхонаҳои нави саноатӣ ва хидматрасониро таъмин мекунад.

Дар ин замина суоле ба миён гузошта шуд, ки ҳокими вилоят, ҳокимони 11 шаҳру ноҳия, ташкилотҳои давлатӣ ва бонкҳо, инчунин, «ҳафтгона» дар 330 маҳалла аз ин имкониятҳо то чӣ андоза самаранок истифода мебаранд.

Дар соли 2025 ба вилоят ҷалб кардани 3,7 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст, ки имкони кушодани 600 корхонаи нав ва созмон додани 15 ҳазор ҷойҳои корӣ сердаромадро фароҳам меорад. Ин лоиҳаҳо ба рушди на танҳо Навоӣ, балки вилоятҳои ҳамшафати он мусоидат мекунад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

БА ҶАМОАИ ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ «КОМБИНАТИ МАЪДАНҲОИ КӮҲИИ ОЛМАЛИҚ»

Дӯстони азиз!

Шумо, тамоми ҷамоаи дӯсту сермиллати Комбинати маъданҳои кӯҳии Олмалиқ – ифтихори саноати Ӯзбекистонро бо 75-умин солгарди таъсисёбии он аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Ба шарофати меҳнати фидокоронаи кормандони баландихтисос, мутахассисон, коргарон ва хидматчиён комбинати бисёрсоҳа, ки бо анъанаҳои пуршарафи худ дар ҷаҳон шинохта шудааст, дар баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишвари мо ва некуҳолии мардум саҳми бузург мегузорад.

Солҳои охир ба мақсади татбиқ намудани вазифаҳои бартаринок оид ба самарабахш истифода бурдани захираҳои мавҷудаи табиӣ ва рушди саноати миллӣ, ки ба технологияҳои пешқадам такя мекунад, дар комбинат бозсозии васеъмиқёс татбиқ гардид.

Дар майдонҳои «Ҷалмақир», «Ангрен», «Чодак», «Хондиза» ва кони навкашфшудаи «Ёшлик-1» 6 корхонаи коркарди амиқи ашёи хом, 5 фабрикаи тозакунии маъдан, заводҳои мис ва рухгудозӣ, иншооти инфрасохтори истеҳсолӣ бунёд карда шуданд.

Ҳамаи мо, бешубҳа, аз он ки бинобар ин таҳйироти муҳим комбинат дар сафи сӣ маҷмӯъҳои бузургтарини ҷаҳон оид ба истеҳсоли мис мақом дорад, ифтихор менамоем.

Ҳоли ҳозир дар ин ҷо сохтмони фабрикаи 3-юми мистозакунӣ, ки иқтидори солонааш коркарди 60 миллион тонна маъдан мебошад, анҷом меёбад. Ба қарибӣ, ҳангоми сафар ба Олмалиқ, мо якҷо бо шумо ба сохтмони фабрикаи 4-уми миссофкунии дорои чунин иқтидор оғоз бахшидем. Баъди ба истифода супурдани ин истеҳсолот комбинат метавонад соле 160 миллион тонна ашёи хомро коркард кунад. Ин нишондиҳандаи рекордӣ дар таърихи саноати Ӯзбекистон мебошад.

Он чиз сазовори эътибор аст, ки ба ин тариқ дар комбинат ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ барои сокинони вилояти Тошканд фароҳам оварда мешаванд. Ҳамаи ин натиҷаи мушаххаси кори якҷояи мо бобати рушди соҳаҳои муҳаррики саноат ва беш аз пеш ба роҳ мондани имкониятҳои минтақаҳо аст.

Ҳамватанони азиз!

Тавре ки шумо медонед, мо ба масъалаҳои ҷалби сармояҳои бузург бинобар аз худ кардани захираҳои табиӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои саноат эътибори аввалиндараҷа медиҳем.

Дар ин бобат мо аз Мактаби муҳандисӣ, ки дар таркиби комбинат созмон дода шудааст ва дар поёи таҷрибаи пешқадам, аз ҷумла, барномаҳои таълими дуалӣ кор мекунад, умеди калон дорем. Ҳамчунин саҳми бузурги бахшҳои олмалиқии Донишгоҳи давлатии техникии Тошканд ва Донишкадаи пӯлод ва хӯлаҳои Маскавро дар иҷрои вазифаҳои мазкур бояд таъкид кард. Мо кори мустаҳкам кардани пойгоҳи моддиву техникӣ ва таълимиву методии мактабҳои олии мазкурро идома медиҳем.

Дар доираи таъмин кардани манфиатҳои ҳаётии инсон ба рағбатноксозии меҳнати душвори коргарон ва хидматчиёни комбинат, беҳтар намудани шароити кор ва истироҳати онҳо эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Минбаъд корҳо дар ин самт, бешубҳа, ба дараҷаи баландтар бардошта хоҳанд шуд.

Аз фурсат истифода бурда, гурӯҳи коргарон ва хидматчиёни маҷмӯъро, ки ба муносибати ҷашни имрӯза сазовори мукофоти олии Ватан гардидаанд, аз таҳти дил муборакбод мекунам.

Муҳтарам иштирокдорони тантана!

Ба шумо дар таҳкими нақш ва аҳамияти чунин корхонаи бузурги саноатӣ, чун Комбинати маъданҳои кӯҳии Олмалиқ, бунёди Ӯзбекистони Нав – давлати дорои иқтидори бузурги иқтисодӣ, ки қисми муҳиму ҷудонопазири истеҳсолоти ҷаҳонӣ мегардад, комёбиҳои беш аз пеш орзу дорам.

Бори дигар шуморо бо санаи хотирмони кунунии ҳаёти комбинат, ки дирӯзи шуҳратёр ва ояндаи дурахшон дорад, муборакбод менамоям, ба ҳамаи шумо ғалабаҳои нави меҳнатӣ, саломатии мустаҳкам ва дар оилаҳоятон фаровонӣ орзу мекунам.

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯРО ҚАБУЛ КАРД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 1 ноябр ҳайати Федератсияи Русияро таҳти сарварии муовини Раиси Ҳукумати ин кишвар Дмитрий Чернишенко қабул кард.

Дар таркиби ҳайати Русия ҳамчунин вазирон Алексей Чекунков ва Сергей Кравсов низ иштирок карданд.

Масъалаҳои мубрами густариши минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Русия мувофиқи созишномаҳои сатҳи олӣ баррасӣ шуданд.

Дар оғози мулоқот Дмитрий Чернишенко ба сарвари давлатамон саломи Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин ва Раиси Ҳукумат Михаил Мишустинро расонд.

Дар рафти мулоқот ба васеъ гардондани мубодилаи таълимӣ ва инсонпарварӣ байни кишварҳо, аз ҷумла масъалаҳои роҳандозии фаъолияти филиалҳои нави мактабҳои олии бонуфузи Русия дар Ӯзбекистон, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ эътибори алоҳида дода шуд.

Аҳамияти қабули «харитаи роҳ»-и муштарак оид ба роҳандозии шарикии амалии минтақаҳои кишварамон бо минтақаҳои Шарқи Дури Русия таъкид шуд.

Зимнан зикр гардид, ки ҷонибҳо аз афзоиши гардиши мутақобилаи сайёҳон, баргузории чорабиниҳои муштараки фарҳангиву варзишӣ манфиатдор мебошанд.

ЎзА.

БА РЎЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД!

Индекси обуна 170

Обуна ба рӯзномаи «Овози тоҷик» барои соли 2025 идома дорад.

Агар хоҳед, ки:

— дар соли 2025 аз навигариҳои соҳаҳои гуногун огоҳ бошед;

— фармон, қарор, фармоиш, барнома ва аснодии гуногунро сари вақт дастрас намоед ва бо мазмуну моҳияти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ошно гардед;

— аз таҷрибаи судманди намояндагони пешқадами соҳаҳо огоҳ шавед;

— таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед;

— аз эҷоди бадеии аҳли адабу фарҳанг ва ҳампешагон бохабар бошед;

— ҷолибтарин матолибу мақолаҳоро оид ба муҳимтарин масоили рӯз мутолиа кунед;

— сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи худро пайваста такмил диҳед;

ПАС, БА РЎЗНОМАИ ДӮСТДОШТАИ ХУД – «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД.



Телефон барои мурочиат: +998 55 5200336.

ИСЛОҲОТ ДАР ВИЛОЯТИ НАВОӢ БА САТҲИ НАВ БАРДОШТА ШУД, МАҚСАДҲО МУШАХХАСТАР ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мувофиқи қонуни нав «Дар бораи қаъри замин» низоми нав ҷорӣ хоҳад шуд, ки бинобар он тамоми конҳои захираҳои стратегӣ аз арзёбии байналмилалӣ мегузаранд. Дар вилояти Навоӣ раёсати минтақавии Вазорати саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва геология ташкил карда мешавад. Акнун раёсат масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ, тақдими рухсатнома ва ба савдои музояда гузоштани конҳоро мустақилона ҳал хоҳад кард.

Аз ҳудуди вилоят дарёи Зарафшон ва Оқдарё, инчунин дарёҳои дарозиашон 256 километр ва каналҳои дарозиашон зиёда аз 2 ҳазор километр мегузаранд. Супориш дода шуда буд, ки дар онҳо неругоҳҳои обии хурди барқӣ сохта шаванд. Барои ин 10 миллион доллар ҷудо шуда, неругоҳи кучаки барқии обӣ дар асоси ипотекаи саноатӣ ба соҳибкорон дода мешаванд.

Дар соли оянда вазифа гузошта шудааст, ки ба Навоӣ 500 ҳазор сайёҳони хориҷиро ҷалб карда, ҳаҷми содироти хидмат то 150 миллион доллар афзун шавад. Инчунин имкониятҳои ташкил кардани нуқтаҳои савдо ва хидматгузорӣ аз конструксияҳои сабук дар шафати роҳҳо таъкид гардид.

Дар ҷамъомад ба масъалаҳои шуғл таваҷҷуҳи алоҳида дода шуд. Дар вилоят 16 ҳазор оилаи камбизоат ва беш аз 8 ҳазор нафар шаҳрвандони бекор зиндагӣ мекунанд. Қайд гардид, ки бо истифода аз иқтидори иловагӣ дар сектори иқтисодиёт онҳоро бо шуғл таъмин намудан мумкин аст. Дар назди низомҳои шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ мақсади дар тӯли як сол аз ҳолати камбизоатӣ баровардани 16 ҳазор оила гузошта шуд.

Таъкид гардид, ки барои ба эътидол овардани нархҳо бояд захираи маводи ғизоиро фароҳам оварда, ҳар рӯз бозорҳоро таъмин кард. Дар ин замина кишоварзӣ нақши муҳим дорад, аммо дар Навоӣ ҳамагӣ 100 ҳазор гектар замини обёришаванда мавҷуд буда, 72 фоизи онҳо бо истифодаи насосҳо обёрӣ карда мешаванд. Сарфи назар аз мавҷуд будани 9 миллион гектар чарогоҳ, саршумори чорво кам аст.

Соли оянда ба нақша гирифта шудааст, ки барои то 70 сентнерӣ баланд бардоштани ҳосилнокии пахта, нав кардани 7 ҳазор гектар боғу токзор аз Туркия ва Чин тухмӣ ва технология оварда, инчунин тамоми заминҳои обёришаванда барои кишти 10 ҳазор гектар офтобпараст ҳамчун зироати такрорӣ омода карда шавад. Тухми хӯроки чорво, гиёҳҳои шифобахш ва зираворӣ тавассути дронҳо ба чарогоҳҳо пошида, дар байни 50 ҳазор нафар сокинон тақсим карда мешаванд. Умуман дар давоми се сол ҳолати 3 миллион гектар чарогоҳ беҳтар, саршумори чорво 10 баробар зиёд карда мешавад.

Масъалаҳои вобаста ба инфрасохтор низ ба миён гузошта шуданд. Бинобар афзоиши босуръати аҳолӣ ҳудуди шаҳри Зарафшон аз ҳисоби ноҳияи Томдӣ то 2 ҳазор гектар васеъ карда, барои 150 ҳазор нафар шароит фароҳам оварда мешавад.

Дар Зарафшон, ноҳияҳои Учқудуқ ва Томдӣ ҷамъ 200 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд. Ба ин ҷо инчунин сармоягузорони зиёди хориҷӣ меоянд. Барои ба онҳо фароҳам овардани қулайӣ пешниҳод шуд, ки аз аэропорти Зарафшон истифода бурда, ба шаҳраки «Томдии Нав» барои зиёд гардондани миқдори лоиҳаҳои соҳибкорӣ шабакаи барқи иловагӣ кашида шавад.

Оид ба навсозии 18 мактаби куҳна ва низоми таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳияҳои дурдаст, сохтмони боғчаю мактабҳо, инчунин мустаҳкам кардани саломатии аҳолӣ вазифаҳо гузошта шуданд. Зикр гашт, ки 9 ҳазор нафар занони ба фаъолияти соҳибкорӣ шавқмандро таълим дода, онҳоро бояд бо ҷойи кор таъмин намуд.

Тайёрӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон ва иҷрои барномаи «Макони сабз» низ баррасӣ шуд.

Шахсони масъул, роҳбарони ноҳия ва соҳаҳо дар назди фаъолони вилоят ва аҳолӣ оид ба натиҷаҳои имсола ва нақшаҳои соли оянда маълумот пешниҳод намуданд.

Ба ҷамъомад роҳбарияти Қароқалпоқистон ва тамоми вилоятҳо тавассути алоқаи видеоӣ пайваст шуданд. Шахсони масъул иброз доштанд, ки дар минтақаҳои онҳо барои татбиқи самтҳои дар вилояти Навоӣ зикршуда низ имкониятҳо вуҷуд доранд ва изҳор намуданд, ки аз онҳо хулосаҳои даҳлдор бароварда, тамоми талошҳоро барои баланд бардоштани самаранокӣ равона хоҳанд кард. Аз ҷумла, чораҳо оид ба тезондани лоиҳаҳо дар соҳаҳои саноат, сохтмон, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва хидматрасонӣ барои рушди иқтисодиёти вилоят ва таъмини шуғли аҳолӣ бо роҳи мусоидат ба соҳибкорӣ ва роҳнамоии касбӣ эълон карда шуданд. Нақшаҳо то охири сол ва барои соли оянда муайян гардиданд.

Бо ҳамин сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Навоӣ анҷом ёфт.

Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ, Икром АВВАЛБОЕВ, мухбирони ӮзА.

ҚАҲРАМОНИ ЎЗБЕКИСТОН АҲМАД НАРЗУЛЛАЕВ



Соҳаи кишоварзии кишвари мо талафоти гарон дод. 1 ноябри соли равон фермери машҳур, Қаҳрамони Ӯзбекистон Аҳмад Нарзуллаев, ки ҳаёт ва фаъолияти меҳнатии худро ба рушди хоҷагии қишлоқ бахшидааст, дар 68-солагӣ вафот кард.

А.Нарзуллаев соли 1956 дар ноҳияи Деҳнав таваллуд шуд. Дар ҷамъияти саҳҳомии «Сурхонозиқовқатсаноати»-и ҳамин ҷо шарҳи ҳоли меҳнатии ӯ оғоз ёфт. Баъди хатми Донишкадаи политехникии Тошканд дар заводи хишти «Шарғун», дар колоннаи сайёри механиконидашудаи 37-ум ва Иттиҳодияи таҷрибавию истеҳсолии ноҳияи Деҳнав дар вазифаҳои гуногун кор кард. Аз соли 1991 ба кори мустақил гузашт ва сарвари хоҷагии фермерии «Лочин» шуд.

Дар тӯли беш аз 50 соли фаъолияти меҳнатӣ А.Нарзуллаев тамоми дониш, таҷрибаи ғании ҳаётӣ, неру ва иқтидори худро ба мамлакат ва халқ бахшид. Донишманди ҳақиқии илми замин, роҳбари боистеъдод, ташкилотчие буд, ки технологияҳои ҳозиразамони аграрӣ ва усулҳои хоҷагидориро амиқ медонист, инсони меҳнатдӯст, хоксор, дӯстдори Ватан буд ва дар татбиқ намудани ислоҳоти васеъмиқёс дар хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, рушди ҷунбиши фермерӣ саҳми муносиб гузошт.

Солҳои зиёд депутати Шӯрои намояндагони халқи вилояти Сурхондарё ва ноҳияи Деҳнав буд, бобати таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии вилоят ва ноҳия, беҳтар намудани шароити ҳаёти аҳолӣ, сохтмон ва ободонии иншооти таълимӣ, тиббӣ, фарҳангӣ, бунёди боғ ва хиёбонҳои нав, тарбияи ҷавонон дар рӯҳи муҳаббат ва садоқат ба Ватан фидокорӣ зоҳир намуд.

Фермери соҳибтаҷриба даҳҳо шогирдони боистеъдодро тарбия кард, дар таъмини соҳаи кишоварзӣ бо кадрҳои соҳибтахассус намунаи ибрат гардид.

Меҳнати пурмаҳсулу бисёрсолаи Аҳмад Нарзуллаев аз ҷониби давлати мо ба тарзи муносиб қадр гардидааст. Вай сазовори унвони «Қаҳрамони Ӯзбекистон» ва ордени «Меҳнат шуҳрати» буд.

Хотираи дурахшони намояндаи пешқадами соҳаи хоҷагии қишлоқи мамлакат, мураббии ғамхор, инсони самимӣ ва хоксор Аҳмад Нарзуллаев дар дилҳои мо боқӣ хоҳад монд.

Ш. МИРЗИЁЕВ, Т. НОРБОЕВА, Н. ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, С. ТУРДИЕВ, У. ҚОСИМОВ.

ДЕПУТАТҲОИ НАВИНТИХОБШУДА АЗ ҚАЙД ГУЗАШТАНД

31 октябр ҷамъомади навбатии Комиссияи марказии интихоботӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар он масъалаи ба қайдгирии депутатҳое, ки дар интихоботи санаи 27 октябр интихоб шудаанд, баррасӣ гардид.

Дар ҷамъомад раиси Комиссияи марказии интихоботӣ З. Низомхӯҷаев қайд намуд, ки дар интихоботи депутатҳо ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷоқарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, депутатҳои Шӯрои халқии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ноҳия ва шаҳрҳо 15 миллиону 27 ҳазору 529 интихобкунанда овоз додаанд, ки 74,72 фоизи миқдори умумии интихобкунандагонро ташкил медиҳад. Вай ҳамчунин таъкид кард, ки рағбати шаҳрвандон ба ҷараёни интихобот афзудааст, ки ин дар рафти тайёрӣ ва баргузории интихобот равшан ба назар расид.

Мувофиқи қонунгузории интихоботӣ натиҷаи интихобот ба палатаи поёнии парлумон баррасӣ гардид, 75 депутат, ки аз ҳавзаҳои якмандата интихоб шудаанд, 75 депутате, ки аз ҳаввзаҳои якмандата бинобар рӯйхати ҳизбҳо интихоб гардидаанд, умуман 150 депутат ба қайд гирифта шуданд.

Зикр шуд, ки бинобар натиҷаи интихоботи депутатҳо ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис оид ба ҳавзаи ягонаи интихоботии Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либераливу демократии Ӯзбекистон – 25, Ҳизби демократии «Миллий тикланиш» – 14, Ҳизби халқиву демократӣ – 13, Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» – 12, Ҳизби экологии Ӯзбекистон –10 ҷойи депутатиро ишғол карданд.

Бинобар ҳавзаҳои интихоботии якмандата аз ӮзЛиДеП – 30, аз Ҳизби демократии «Миллий тикланиш» – 15, аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» – 9, аз Ҳизби халқиву демократӣ – 7, аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон – 6 депутат интихоб гардиданд.

Тобеияти ҳизбии 150 депутат, ки ба Палатаи қонунгузорӣ дар пояи овоздиҳӣ, ки барои ҳизб ва номзадҳо ба депутатӣ дода шудаанд, ба тарзи зерин аст:

аз Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либераливу демократӣ – 64 ҷой, ё худ 42,7 фоиз;

аз Ҳизби демократии Ӯзбекистон «Миллий тикланиш» – 29 ҷой, ё худ 19,3 фоиз;

аз Ҳизби сотсиал-демократии Ӯзбекистон «Адолат» – 21 ҷой, ё худ 14 фоиз;

аз Ҳизби халқиву демократии Ӯзбекистон – 20 ҷой, ё худ 13,3 фоиз;

аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон – 16 ҷой, ё худ 10,7 фоиз.

Таъкид гардид, ки бинобар натиҷаи интихобот ҳайати палатаи поёнӣ анқариб 60 фоиз нав шуд. 38 фоизи депутатҳои интихобшударо занон ташкил доданд, ки ин дар таърихи Ӯзбекистон нишондиҳандаи олист. Ҳамаи депутатҳо дорои маълумоти олӣ мебошанд, 15 фоизи онҳо дар хориҷа таълим гирифтаанд, 35 фоизашони дараҷаҳои илмӣ доранд.

Бори аввал се шаҳрванди ногиро депутат интихоб шудаанд.

Аз ҷониби комиссияҳои интихоботии ҳудудӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ натиҷаи интихоби депутатҳо ба Шӯроҳои маҳаллӣ ҷамъбаст карда шуд. Тавре ки зикр гардид, бинобар натиҷаи интихоботи депутатҳо ба Ҷоқарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, депутатҳои шӯроҳои халқии вилоят ва шаҳри Тошканд, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ 59,2 фоизи ҳайати Шӯроҳои маҳаллӣ нав шуданд. 32,6 фоизи депутатҳои навинтихобшударо занон ташкил доданд.

Синну соли 4 фоизи депутатҳо – то 30, 39,5 фоиз – аз 30 то 45, 40,8 фоиз – аз 45 то 60, 15,7 фоиз – аз 60 сол ва аз он зиёдро ташкил медиҳад.

11,2 фоизи номзадҳои интихобшударо намояндагони миллатҳои зерин, ки дар кишвари мо зисту зиндагӣ доранд, аз ҷумла 175 тоҷик, 111 қазоқ, 33 туркман, 29 рус, 21 нафар қирғиз ва ғайра ташкил доданд.

93,3 фоизи депутатҳо дорои маълумоти олӣ мебошанд, дар байни онҳо 36,2 фоиз – омӯзгорон, 18,2 фоиз – иқтисоддонҳо, 13 фоиз – муҳандисон, 7,6 фоиз – шифокорон, 5 фоиз – ҳуқуқшиносон, 20 фоиз – намояндагони соҳаи фарҳанг, соҳибкор ва фермерон ҳастанд. 138 нафар маъюбон депутатҳои Шӯроҳои маҳаллӣ интихоб гардиданд.

Дар ҷамъомад масъала дар бораи тасдиқ кардани Қоида оид ба гувоҳнома ва нишони сарисинагии депутати Палатаи қонунгузорӣ, узви Сенат, депутати Шӯроҳои депутатҳои халқии вилоятӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ баррасӣ шуд. Бинобар масъалаҳои муҳокимашуда қарори даҳлдор қабул гардид.

Муҳтарама КОМИЛОВА, хабарнигори ӮзА.



Алҳол дар самти бофандагӣ, ки аз ҷумлаи муҳаррикҳои асосии саноати пахтаи вилояти Бухоро ба шумор меравад, 741 корхона фаъолият дорад. Дар ин соҳа 20 ҳазор нафар машғули кор мебошанд. Дар корхонаҳои мазкур соли гузашта барои минтақа 6,5 триллион сӯмина, барои хориҷа бошад, 150 миллион долларина маҳсулот ба фурӯш бароварда шуд.

Бинобар эътибори роҳбари давлат ба соҳаи аграрӣ ҳоло дар вилояти Бухоро ҷамъ 10 кластер фаъолият доранд, ки дар 96 ҳазор гектар замин пахта парвариш мекунанд.

Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ӮзА).

Дар вилояти Фарғона ба рушди технологияҳои рақамӣ, татбиқи лоиҳаҳои пешқадам дар самти мазкур, содироти хидматҳои IT эътибори махсус дода мешавад.

CALL-CENTER-И БАЙНАЛХАЛҚӢ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

Ҳоло миқдори резидентҳои хиёбони IT аз сад нафар гузашт, шумораи корхонаҳое, ки хидматҳои IT-ро содир мекунанд, ба 20 адад расид.

Дар Фарғона аз ҷониби ширкати «Audiotele» Call-center-и байналхалқӣ, ки ба хидматҳои аутсорсинг тахассус дорад, ба истифода супурда шуд.

Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров аз маркази мазкур боздид намуда, бо фаъолияти он ошно гардид.

Марказ, ки дар минтақа аз ҷониби ширкати «Audiotele»-и Русия – пешоҳанги соҳаи пешниҳоди хидматҳои аутсорсингӣ аз тариқи Call-center бунёд гардид, яке аз лоиҳаҳо дар соҳаи IT ба шумор меравад. Алҳол дар ин ҷо 60 мутахассиси ҷавон кор мекунанд. То охири сол ба 110 нафар расондани шумораи онҳо дар назар аст.

Н. РАҲМОНОВ, хабарнигори ӮзА.

ТАШРИФИ САФИРОНИ КИШВАРҲОИ МУТАРАҚҚӢ БА СУРХОНДАРЁ

Ба вилояти Сурхондарё сафирони кишварҳои Хитой, Олмон, Чехия, Қатар ва Аморати Муттаҳиди Араб бо сафари расмӣ ташриф фармуданд. Сафирони давлатҳои мазкурро вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон Бахтиёр Саидов, ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов ва намояндаи махсуси Ӯзбекистон дар Афғонистон Исматулло Эргашев пешвоз гирифтанд.

Меҳмонон сараввал бо фаъолияти Маркази савдои байналмилалии Тирмиз, ки дар Осиёи Миёна ягона аст, ошно гашта, аз он таассуроти нек бардоштанд.

Чунон ки иттило дода будем, ин минтақаи савдои озод, дар ҳудуди Айритоми ноҳияи Тирмиз, дар сарҳади Ӯзбекистон-Афғонистон ҷойгир буда, масоҳаташ 36 гектар аст ва қимати умумиаш 70 ҳазор долларро ташкил мекунад. Меҳмонон дар ҳудуди Маркази савдои байналмилалӣ бо фаъолият ва шарту шароити меҳмонхона, бунгоҳи тиббӣ, мактаби бизнес, маркази хидматрасонӣ, маҷмӯаҳои савдо, тарабхонаҳо, хостел, корхонаҳои истеҳсолӣ ва маркази логистика, ки дар як сол 900 ҳазор тонна табодули маҳсулот менамояд, шинос гардиданд. Инчунин, пули Хайратонро, ки дар болои Амударёсту сохта шудааст, убур карда, ба Афғонистон ворид шуданд. Ин пул ба Маркази савдои байналмилалӣ наздик буда, ба ҳамлу нақли молҳои ба Афғонистон ворид ва содиротшаванда хеле қулайӣ фароҳам меорад.

Меҳмонон ба Маркази логистикаи нақлиёти «Termez Cargo Centre», ки масоҳаташ қариб 50 гектарро ташкил мекунад, аз назар гузарониданд. Маркази логистикаи мазкур аз 4 амбори бузург, ки ҳар яке 6 ҳазор кв. метрро ташкил мекунад, ҷамъ 1,5 ҳазор тонна маҳсулотро ғунҷоиш медиҳад. Логистикаи мазкур диққати меҳмононро ба худ ҷалб намуд ва дархости тавассути он интиқол додани маҳсулотҳои хешро арза доштанд.

Олим ПАНҶИЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.

Дар ноҳияи Пахтакори вилояти Ҷиззах таҷрибаҳои пешқадам босамар ба кор бурда мешавад, ки туфайли ин истеҳсолот торафт нуфуз пайдо мекунад.

САНОАТ РУШД МЕКУНАД

Дар натиҷаи аз имкониятҳои дохилӣ самаранок истифода бурдан, соҳаҳои гуногуни саноат пеш меравад.

Барои мисол, дар ҶММ «Сифат ёғ», ки ба истеҳсоли равғани рустанӣ ихтисос ёфтааст, наздики дусад нафар меҳнат мекунанд. Он қудрат дорад, ки дар як шабонарӯз 250 тонна пунбадонаро аз нав кор карда, 40 тонна равған ҳосил кунад.

Корхонаи дигар калобаресии «Пахтакор текстил»-и ноҳия то ин дам танҳо ба истеҳсоли калоба ихтисос ёфта буд. Ҳоло бошад, дар ин ҷо матоъҳоро рангу бор ва ҳатто гул мезананд. Барои бо маҳсулоти трикотаж таъмин намудани бозори дохилӣ нақши муҳим дорад.

Дар ноҳия аз таҷрибаи пешқадами Сайҳунобод, Зарбдор, Уйчӣ ва Ғиҷдувон ба таври фаровон истифода мебаранд. Назар ба маълумотҳо ба беш аз 400 нафар 11 миллиард сӯм кредит ҷудо карда шуда, зиёда аз 500 ҷойи нави корӣ ба вуҷуд омад.

Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

Муносибат

НИЗОМИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ МАҚСАДНОК ВА САМАРАБАХШ ПУРЗӮР МЕГАРДАД

Ислоҳоти васеъмиқёс, дигаргуниҳо ва лоиҳаҳои наве, ки дар кишварамон татбиқ мегарданд, пеш аз ҳама ба гиромидошти шаъну шарафи инсон, хушнудии мардум, пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шуда, имрӯз самараи онро дар мисоли болоравии некуаҳволии халқи мо равшан дидан мумкин аст.

Дар навбати худ, қарори Сарвари давлат аз 28 сентябри соли 2023 «Дар бораи чораҳо оид ба боз ҳам такмил додани низоми хидматрасониҳои иҷтимоӣ ва кумак ба аҳолӣ» дар ташкил намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи маҳалла, дар асоси равиши маҷмӯгӣ расондани хидмати иҷтимоӣ ва кумак, пешгирии ба вазъияти вазнини иҷтимоӣ афтодани аҳолӣ чун асоси муҳими ҳуқуқӣ хидмат мекунад.

Баробари ин, ташкил карда шудани Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сиёсати давлатро татбиқ мекунад, дар ҳузури он бошад, марказҳои хидматҳои иҷтимоии «Инсон» омили муҳими таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва ба куллӣ баланд бардоштани сифати хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад.

Аммо ба ин нигоҳ накарда, имрӯз зарурати дар асноди ҳуқуқӣ мушаххас намудани ваколатҳои Агентӣ, намудҳои хизматҳои иҷтимоӣ ва кумакҳо ба аҳолии ниёзманди дастгирӣ ба миён омадааст.

Агар гӯем, ки Қонун «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба такмили низоми хизматрасонӣ ва кумаки иҷтимоӣ», ки аз ҷониби роҳбари давлатамон 18 октябри соли равон ба имзо расид, ба дилҳои бисёриҳо шодӣ, ба оилаҳо ҳаловат ва хотирҷамъӣ оварад, хато нахоҳем кард.

Аз ин рӯ, бо ин ҳуҷҷат ба баъзе қонунҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба муайян намудани ваколатҳои Агентии миллии ҳифзи иҷтимоии назди Президент дар соҳаи ҳифзи занон аз таъқибу зӯроварӣ, озод кардан аз пардохти боҷи давлатӣ ҳангоми муроҷиат ба судҳои шаҳрвандӣ ва маъмурӣ, ба зимаи он гузоштани вазифаи таъин кардани нафақа барои дафн тағйирот дароварда шуданд.

Муҳимаш он аст, ки хулосаи муассисаи муолиҷавӣ барои ба собиқаи корӣ ҳисоб кардани вақти нигоҳубини пиронсолоне, ки ба синни 80 расида, ба парастории дигарон эҳтиёҷ доранд, талаб карда намешавад ва ҳуқуқи бепул истифода бурдан аз нақлиёти мусофиркашонии шаҳр ба пиронсолоне, ки ба нигоҳубини дигарон эҳтиёҷ доранд, пиронсолони танҳо ва шахсоне, ки ногирой доранд, дода мешавад.

Инчунин, муайян карда шуд, ки маълумот дар бораи созишномаҳо оиди ба шахси дигар додани манзил бо шарти таъминоти якумра ва шартномаи умрбод, муомилоти доир ба тақсимоти молу мулки шахси таҳти васоят ва дигар муомилоте, ки ба ҳалли тақдири ӯ нигаронда шудаанд, ба марказҳои хидмати иҷтимоии «Инсон» пешниҳод карда мешаванд.

Илова бар ин, бо ин ҳуҷҷат ба Қонун «Дар бораи боҷи давлатӣ» тағйирот ворид карда шуд, ки озод кардани пиронсолони яккаву танҳои ба парвариши дигарон ниёздошта, пиронсолоне, ки танҳо зиндагӣ мекунанд ва шахсони ногирораро аз боҷи давлатӣ дар иваз кардани ID-корти идентификатсиякунии шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ё шиносномаи биометрии гумшуда ва ба ҳоли корношоямӣ омада пешбинӣ менамояд. Аз ҳама муҳимаш, ҳатто барои бақайдгирии муваққатии тоифаҳои алоҳидаи эҳтиёҷманди ҳифзи иҷтимоӣ аз ҷониби марказҳои хизматрасонии иҷтимоии «Инсон» боҷи давлатӣ ситонида намешавад.

Ба мо маълум аст, ки солҳои охир дар кишварамон ҷиҳати пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии кӯдакони ятим ва кӯдакони аз парастории падару модар маҳрумшуда, бо манзил таъмин намудани онҳо, ба ятимхонаҳои оилавӣ супоридани онҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои ба ҳаёт омода намудани онҳо чорабиниҳои муайян анҷом дода мешаванд.

Мувофиқи қонун, озод кардани кӯдакони ятим ва кӯдакони аз парастории падару модар маҳрумшуда аз пардохти боҷи давлатӣ ҳангоми анҷом додани амалҳои нотариалӣ ҷиҳати ба қайд гирифтани манзили аз ҷониби давлат аз бозори такрорӣ ба номи онҳо гирифташуда намунаи равшани тамоюли инсондӯстӣ аст.

Махсусан, дар муайян намудани пойгоҳи андози ба ҳомигии нигоҳубини пиронсолони яккаву танҳо ва маъюбон нигарондашуда ба ҷумлаи харочоти тарҳшаванда ворид кардани он рӯзгори ҳазорон нафарро равшан намуда, ба хонадонҳои зиёд шодию хурсандӣ ва умед бахшид. Ҳамватанонамонро ба фаъолӣ даъват намуда, онҳоро ба ҷунбиш меорад.

Бо дарназардошти он, ки мақсади асосии ислоҳоте, ки дар кишварамон татбиқ мегарданд, ба инсон, ҳаёти ӯ, озодӣ, шаъну шараф, қадру қимат, ҳифзи эҳтиёҷоти ҳуқуқӣ ва манфиатҳои инсон нигаронида шудааст, бояд қайд кард, ки Қонуни мазкур заминаи ҳуқуқии корро дар ин самт мустаҳкам менамояд. Дар баробари ин ба пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии мақсаднок ва самараноки аҳолии эҳтиёҷманди ҳифзи иҷтимоӣ, такмили низоми хидматрасониҳои иҷтимоӣ, кумакрасонӣ ва баланд бардоштани сифати онҳо хизмат мекунад.

Адҳам НАЗИРҚУЛОВ, аъзои Кумитаи меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

АФЗОИШИ САЛОҲИЯТИ САЙЁҲИИ ЎЗБЕКИСТОН ҚОБИЛИ ЭЪТИРОФ ГАРДИД

Сол аз сол теъдоди сайёҳони хориҷие, ки ба кишвари мо барои саёҳат меоянд, рӯ ба афзоиш овардааст. Бе чуну чаро ин аз беҳтар шудани дараҷаи хидматрасонии ин соҳа шаҳодат медиҳад. Сайёҳон дар аснои сафару саёҳат бо фарҳанг, таърих, таомҳои миллӣ, табиати афсункору дилрабо ва расму ойинҳои мардуми мамлакати мо ошно мешаванд. Ба манзури он ки ин сайёҳон ҷои будубош ва истироҳату фароғат дошта бошанд, инфрасохторҳои зиёд, мисли меҳмонхонаҳо, хостелҳо ва тарабхонаҳои наву замонавӣ сохта мешаванд, ки барои қабули онҳо комилан мусоидат менамоянд.

Ин бор низ Тошканд ба шаҳри меҳмоннавози намояндагони ширкатҳои хусусии чандин кишвари олам қарор гирифт, ки барои ширкат дар намоишгоҳ-ярмаркаи сайёҳӣ ташриф оварданд. Он таҳти унвони «Tashkent Travel Mart-2024» ба вуқӯъ пайваст, ки дар шакли B2B сурат гирифт ва ду рӯз давом кард. Дар ҳошияи ин намоишгоҳ конфронси «Travelhub Uzbe-kistan» низ роҳандозӣ гардид, ки масъалаҳои гуногуни соҳаи сайёҳиро дар меҳвари баррасиҳо қарор дод.

Муассисии ин намоишгоҳро Иттиҳодияи сайёҳии хусусии Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим, Кумитаи сайёҳӣ ва ширкати ҳавонавардии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» бар дӯш дошт. Гуфта мешавад, ки лоиҳаҳои USAID оид ба рушд ва беҳбуди муҳити соҳибкорӣ, инчунин пуштибонӣ аз он низ аз ҷузъи ин намоишгоҳро ташкил намуд.

– Ин дафъа дар чорабинӣ ду масъалаи муҳим баррасӣ мешавад. Аввалан, ҳадафи асосие, ки Президенти мӯҳтарамамон дар назди соҳа гузоштааст, зиёд намудани шумораи ҷойҳои беназири сайёҳӣ мебошад. Дуюм – соҳаи сайёҳӣ ва рақамикунонии саноати меҳмоннавозиро ба сатҳи нав бардоштан аст,–гуфт раиси Кумитаи сайёҳии Ӯзбекистон.

Вай афзуд, ки намоишгоҳи «Tashkent Travel Mart-2024» беш аз 60 ширкати сайёҳии Осиёи Марказӣ, Миср, АМА, Малайзия, Русия, Гурҷистон, Туркия ва кишварҳои дигарро гирди ҳам овард. Беш аз 600 вакилон ва коршиносони соҳаи сайёҳӣ дар бораи мавзӯъҳое табодули назар намуданд, ки тамоюлҳо ва имкониятҳои ҳамкории байналмилалӣ, рақамикунонӣ, эҷоди маҳсулоти беназири сайёҳӣ ва дигар мавзӯъҳои дахлдорро дар атрофи гуфтушуниду баррасиҳо фаро хонданд.

Ногуфта намонад, ки ба ҳайси иштирокчиёни асосии ин чорабинӣ туроператорҳои байналмилалӣ, меҳмонхонаҳо, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, иттиҳодияҳои сайёҳӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, меҳмонхонаҳои оилавӣ, намояндагони платформаҳои IT муаррифӣ гардиданд. Баъди баррасии мавзӯъҳои «Эҷоди беназир–маҳсулоти сайёҳӣ», «Маҳсулоти сайёҳии нодир чист?», «Чӣ тавр ба гурӯҳҳои сайёҳӣ бо истифода аз стратегияи White Label хизмат кардан мумкин аст?», «Нақши гидҳо ва роҳбарони турҳо дар гирифтани фикру мулоҳизаҳои мусбат», «Тамоюли сайёҳӣ» ва амсоли он дар атрофи он баҳсҳои доманадор сурат гирифт.

Дар ҷаласаҳои панелӣ ҳар як вакили ширкати хусусии сайёҳӣ аз таҷрибаи худ нақл намуд. Дар он инчунин як қатор пешниҳодҳои мушаххас сурат гирифтанд, ки имкон медиҳанд бахши сайёҳӣ инкишоф ёбад ва ба ҷаҳони тағйирёбанда ворид шавад. Аз ҷумла, директори ширкати Гурҷистон Travel Beam Тимур Матерашвили гуфт, ки намояндагиҳои ширкати худро дар Русия ва Арманистон ифтитоҳ намудааст.

– Бори аввал ба Ӯзбекистон меоям ва дар чунин намоишгоҳ-ярмарка ширкат мекунам. Аз сабаби он ки Тифлис бо Тошканд робитаи ҳавоӣ барқарор кардааст, мо дар самти сайёҳӣ низ ба имкониятҳои зиёд моликем ва аз ин бояд фаровон истифода бурд. Зеро Гурҷистону Ӯзбекистон аз нигоҳи иқлим ва табиат шабеҳи ҳамдигаранд. Гузашта аз ин, меҳмонхонаҳои шаҳр низ барои қабули ҳар гуна меҳмонҳо мусоидат менамоянд, – изҳор намуд Тимур Матерашвили.

Ба гуфтаи ӯ соли сеюм аст, ки бо ҳамкорони ӯзбекистонии худ робита барқарор кардааст. Умедвор аст, ки ин робита беш аз пеш тавсеа хоҳад ёфт.

– Ҳадафи мо ҳарчи бештар муаррифӣ намудани имкониятҳои сайёҳии кишварамон ва ҷалби сайёҳон ба он, инчунин ба роҳ мондани ҳамкориҳои бештару доманфарох бо ширкатҳои сайёҳии Ӯзбекистон ва мамолики иштирокчии ин намоишгоҳ мебошад, – гуфт директори ширкати хусусии сайёҳии «Zarafshon Tour»-и Тоҷикистон Мансур Саидов.

Таъкид гардид, ки аз тариқи созмони хусусии сайёҳии «Zarafshon Tour» сайёҳони зиёд аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон ва баръакс сафар мекунанд ва он ба нафъи ширкатҳои ҳарду кишвар манфиат меоварад.

Дар рӯзи дуюми намоишгоҳ–ярмарка вохӯриҳои корӣ дар шакли B2B баргузор шуданд, ки дар ҷараёни он намояндагони ширкатҳои сайёҳӣ тавонистанд бо шарикони нави худ робита барқарор кунанд, лоиҳаҳои муштаракро баррасӣ намоянд ва созишномаҳо ба имзо расонанд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».



Ба наздикӣ дар бахши воқеъ дар маҳаллаи «Тинчлик»-и поликлиникаи марказии бисёрсоҳаи ноҳияи Қарокӯл мутахассисони доираҳои маҳдуди бахши бухороии Маркази илмии кумаки таъҷилии ҷумҳурӣ, аз ҷумла ҷарроҳ, ҷарроҳи рагҳои хунгузар, гинеколог, шикасту банд, дилшинос, духтури бачагон, асабшинос, ҷарроҳи асаб, офталмолог ва ғайра дар ҳамкорӣ бо мутахассисони пешқадами иттиҳодияи тиббии ноҳияи номбурда назорати амиқи тиббӣ гузаронида шуд.

Ба назорати тиббӣ беш аз 500 нафар аҳолии тамоми маҳаллаҳои ноҳия ҷалб карда шуд.

Ба шаҳрвандоне, ки аз назорати тиббӣ гузаштанд, варақаҳои тарғибкунанд аи тарзи ҳаёти солим пешниҳод ва ба 45 бемор табобати амбулаторӣ тавсия карда шуд. Ҳамчунин 16 навъи дорувори гуногун ройгон таҳсим гардид.

РОҲИ МАРДИ ДИЁРИ КӮҲИСТОН

Зиндагӣ бо ту ситезам
ҳар саҳар,
То кушоям як гиреҳи рӯзгор...

Салом устод! – ин нидо ӯро ба худ овард. Дар даромадгоҳ як гурӯҳ шогирдони собиқаш меистоданд. Онҳоро хеле хуш пазируфт. Аз симо ва сафедиҳои мӯйи шогирдон дарк намуд, ки аз умр фурсати зиёде гузаштааст.

Ҳакимҷон Эргашев муаллими синфҳои ибтидоии мактаби рақами 8-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона аст. Хатмкардаи бахши педагогика ва методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров мебошад. Ӯ донишгоҳро соли 1981 хатм карда, ба мактаби деҳа омад ва он ҷо аз таҷрибаи падар Ҳомидҷон Эргашев, устодон Умарҷон Моминҷонов, Додо Муйдинов, Мулло Мусоев, Мирзоҷон Хуҷамовҳо бахра бурда, худ ба дараҷаи устодӣ расиду шогирдони зиёдеро тарбия кард. Вай ҳамчун роҳбари корҳои сексионӣ ба ҳампешагон ёрии методӣ медод.

Донишу таҷриба ва кордониашро ба инобат гирифта, ӯро аввал мудири қисми илмии синфҳои ибтидоӣ, сонитар директори маърифатгоҳи зикршуда таъин карданд. Тӯли чандин сол бо ёрии ҳомиён барои ғанӣ намудани пойгоҳи моддӣ ва техникии мактаб камар баст. Дар таъмири ҷорӣ, шиферпӯш намудани болои бинои дуошёна, сохтани қаровулхонаи нав, таъминкунӣ бо гази табиӣ, сохтани гармхона саҳм гирифт. Ғайр аз ин устод дар коллеҷи касбу ҳунари ноҳияи Сӯх барои тайёр намудани муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва тарбиятгари муассисаҳои томактабӣ аз фанҳои махсус дарс гуфт. Устод дар куҷое набошад, аз таҳти дил меҳнат намуд. Ҳакимҷон Эргашев аз даврaҳои мактабиву донишҷӯйӣ шеър машқ мекард. Дар Хуҷанди бостонӣ аз шоирон Озод Аминзода Н. Алимуҳаммедова, Одина Азимӣ, дар зодгоҳаш аз устодон Ҳамробой Илҳом, Нодир Нодирӣ, Муҳаммадҷон Шодиев маслиҳатҳо мегирифт.

Намунаҳои эҷодиёти ӯ дар газетаи девории «Маҳорати педагогӣ»-и донишгоҳ,рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ленинобод», «Ҳақиқати Ӯзбекистон», «Ҳаёти нав» (имрӯз «Садои Сӯх»), рӯйи чопро дидаанд. Соли 2003 намунаҳои ашъораш дар баёзи «Ҷилои ахтарони Сӯх» чоп шуданд. Соли 2015 маҷмӯаи шеърҳояш бо номи «Пайғом» дар шаҳри Тошканд аз нашр баромад. У соҳиби оилаву чор фарзанд, се писар ва як духтар буд. Ду писари устод Наимҷон 32 сола (муаллими мактаби рақами 8) ва Фирӯзбек 26 сола (ходими шуъбаи молияи ноҳия) пешу қафо дар муҳлати 20 рӯз ин дунёро тарк намуданд. Ин зарбаи сахти тақдир устодро муддате карахт кард.

Писари калонӣ Соҳибҷон меъмор, духтараш Маъмурахон муаллима буда, ҳоло нафақахӯранд.

– Шогирдони ман дар ҳаёт ҷои мақоми худро ёфтанд, эҳтироми онҳову халқи азиз барои ман аз ҳама унвонҳо баланд аст, – мегӯяд Ҳакимҷон.

– Одам дар паҳноии ҳаёт қадам зада, чун ба марра наздик расид, боре ба ақиб нигоҳ мекунад, то донад, ки дар ин сафари зиндагӣ чӣ чизе аз худ гузоштааст. Агар чизе, пайе гузошта бошад, хуб, агар не ҷойи афсӯс аст...

Шунидам, ки гуфтаанд:

«Дар ин дунё агар чизе
набудӣ,
Ба он дунё кирои рафтанат не»

Ман низ бо умед ба роҳои тайкардаам менигарам, то донам, ки кирои умри рафтаам ҳаст ё не?..

Устод дар як шеъри худ фармудааст:

Аз баландӣ ба пастӣ мешорад,
Рӯди кӯҳӣ ба оҳ, бо афғон
Лек аз пастӣ бар баландиҳост
Роҳи марди диёри кӯҳистон.

Бунёд ШОМАТОВ,
омӯзгор.
Вилояти ФАРҒОНА.

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ бо ташаббуси Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ бахшида ба раванди ташкил ва баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии «Аз пайи ҷадидон» нишасти матбуотӣ гузаронида шуд.

ОЗМУНИ «АЗ ПАЙИ ҶАДИДОН» ОҒОЗ ШУД

Муовини вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ Фарҳод Боқиев, намояндагони Осорхонаи давлатии адабиёт ба номи Алишер Навоӣ, Осорхонаи давлатии ёдбуди қурбониёни табъид, вакилони лоиҳаи «Мутолиа»-и Агентии кор бо ҷавонон иштирокдорони чорабинӣ буданд.

Ф.Боқиев гуфт, ки ин озмун бо мақсади минбаъд ташаккул додани қобилияти фикрронии мустақилонаи хонандагон, тавассути тарғибу ташвиқи мероси ғании маънавии аҷдодон ҷалби васеи онҳо ба китобхонӣ дар моҳҳои октябр-декабри соли ҷорӣ гузаронида мешавад.

– Дар озмун, ки бори аввал доир мегардад, донишомӯзон тавассути сабти ном дар платформаи jadidlarizidan.uz иштирок мекунанд, – гуфт Ф.Боқиев. – Бино ба ҳолати 30 октябр барои иштирок дар озмун 364 906 нафар хонандагон ариза супориданд. Озмун миёни хонандагони синфҳои 6-8 ва 9-10 ташкил гардида, 31 октябр зинаи шаҳриву ноҳиявии он оғоз шуд. Иштирокчиён дар ин марҳила аз рӯйи ду шарт – тест ва саволу ҷавоб рақобат карданд. 416 нафар хонандагоне, ки дар зинаи минтақавӣ ғолиб гардиданд, дар марҳилаи вилоятии озмун ширкат меварзанд.

Зикр гашт, ки бо мақсади ташкили пурсамари озмун ва ташаккулу ифтихори миллӣ дар зеҳни хонандагон дар 10118 муассисаи таълимии давлатӣ таъсиси клубҳои «Аз пайи ҷадидон» дар назар аст. То ҳол ба сифати тақриба дар ҳар 208 шаҳру ноҳия чунин клубҳо таъсис ёфтанд.

12-23 ноябр гузаронидани марҳилаи вилоятии озмун ва моҳи декабр зинаи ҷумҳуриявӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар анҷом ба 14 нафар донишомӯзе, ки ҷойҳои ифтихориро ба даст меоранд ва фаъолона иштирок мекунанд, роҳхати сафари таълимӣ ба кишварҳои хориҷӣ тақдим мегардад.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».



Бо ташаббуси раёсати таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Сурхондарё барои аз заминҳои холии маърифатгоҳҳо самарабахш истифода бурдан, ба муассисаҳои таълимӣ даромади иловагӣ овардан, ҳамчунин ба донишомӯзон соҳибкориро дар самти мазкур омӯзондан кори гармхона ва мурғпарварӣ ба роҳ монда мешаванд.


То ҳол дар 223 мактаб ва 97 кӯдакистон ин тақриба татбиқ гардид.

Дар гармхонаҳо асосан бодринг, помидор, лимӯ, бақлаҷон, кӯчатҳои гул парвариш мешаванд. Фаъолияти гармхонаҳо ва паррандапарварӣ баробари ба муассисаҳои таълимӣ даромадаи иловагӣ овардан, ба хонандагон ва тарбиягирандагон барои дар амал татбиқ намудани донишҳое, ки аз фанҳои табиӣ гирифтаанд, кӯмак мерасонанд.

Таърихи диёрро меомӯзем

МАНОРАҲО НАМУНАИ ИСТЕЪДОДИ МЕЪМОРОНИ МО

Имрӯз бо пешрафти илму технология сохтани манораву биноҳои осмонбӯс ба назари мо ҷараёни одӣ метобад, масалан баландии бинои баландтарини ҷаҳон дар шаҳри Дубайи АМА «Бурҷи халифа» («Манораи халифа»), ки 828 метр мебошад, дар давоми 6,5-7 сол сохта шудааст. Аммо дар гузашта, ҳатто пеш аз милод низ гузаштагони мо ускунаҳои одиро ба кор бурда, чунон бинову манораҳое бунёд кардаанд, ки ороишоти гуногуншакли геометриашон то ҳол касро моту маҳбут мекунад.



Манораҳо чи дар гузашта ва чи имрӯз аз рӯйи эътиқоди диниву ҷаҳонбинии маънавиву фарҳангии одамон бо мақсадҳои гуногун сохта шудаанду мешаванд. Масалан, дар замонҳои қадим барои мусофирону тоҷирон дар наздикии корвонсарою сардобаҳо, пас аз ҷорӣ намудани дини ислом бошад, барои даъват ба намоз дар наздикии масҷиду мадрасаҳо сохта шудаанд. Дар асрҳои миёна бошад, манораҳо ҷиҳати ороишоти шаҳр, инчунин намоиши қудрати ҳукмдорон бунёд мешуданд.

Ҳар як шаҳру навоҳии мамлакатамон ҷойҳои ҷолиби худро дорад. Манораҳои Бухорои куҳан бошад, ёдгории нотакрори меъморӣ ба ҳисоб рафта, бо ҳашамату мукаммалӣ ороишоти хоси худ аз манораҳои мавзеъҳои дигар тафовут дорад. Манораи Калони Бухоро соли 1127 бино бар фармони ҳукмрони он замон Арслонхон Муҳаммади Қарохонӣ бо сарварии усто Бақо сохта шудааст. Аз ин сабаб, Манораи Калонро манораи Арслонхон низ меноманд.

Мегӯянд, ки усто Бақо дар сохтмони Манораи Калон ба ҷойи об аз шири шутур ва сафедаи тухм истифода бурдааст. Дар нақлҳо оид ба ин манора гуфта мешавад, ки усто Бақо пас аз гузоштани пойдевори он чиҳил сол пинҳон шудааст ва пас ба назди подшоҳ омада, сабаби пинҳоншавиашро ошкор намудааст: пойдевори бино дар 40 сол хуб ҷойгир мешавад, акнун манора то рӯзи қиёмат боқӣ монда, шуҳрати шуморо дар саросари ҷаҳон паҳн мекунад. Агар ман пинҳон намешудам, шумо сабр накарда талаб мекардед, ки корҳои сохтмон бо зудӣ ба охир расад. Дар натиҷа, вақти зиёд нагузашта манора шикаст мехӯрд. Худо хоҳад, ба ин манора то охири замон офат намерасад, ҳатто заминларза низ ба ӯ осеб расонда наметавонад.

Вақте умри усто Бақо ба поён мерасад, васият кардааст, ки ҷанозаи ӯро дар назди манора хонанд ва дар ҳавлии наздикии он дафн кунанд.«Агар манора фитад, бигзор ба болои қабри ман афтад, то ки устухонҳои ман реза-реза шавад. Аммо Худо шоҳид, Манораи Калон то рӯзи қиёмат дар ҷойи худ мемонад», гуфта будааст ӯ.

Манораи Вобкент низ вақти ҳукмронии Қарохониён аз ҷониби яке аз амалдорони ин сулола – ноиби Қарохониён дар Бухоро – Садр Бурҳониддин Абдулазизи II сохта шудааст. Дар асри дувоздаҳум Қарохониён дини исломро қабул кардаанд ва эътибор ба замину молу мулк мисли даври Сомониён дучанд зиёд гардид. Бурҳониддин Абдулазиз яке аз муридҳои Хоҷа Абдулхолиқ Ғиждувонӣ буд ва бо ташаббусу маблағи ин марди барӯманд соли 1190 аввал сохтмони масҷид, пас аз 5-6 сол сохтмони манораи Вобкант оғоз ёфт. Манора дар давоми 11 моҳ бунёд гардидааст, ки баландии он 40,3 метр мебошад.

Дар қисми шаҳри куҳнаи Бухоро «Чор манор» ном боз як бинои таърихие вуҷуд дорад. Ҳарчанд ба номи ин бино калимаи «манора» илова шудааст, азбаски манорачаҳои он паст аст, мисли дигар манораҳо вазифаҳои кунуниро иҷро нанамудааст. Нақл мешавад, ки аввали солҳои асри XIX як тоҷири туркман ба Бухорои шариф омада, бо корҳои тиҷорат машғул шудааст. Аз байн вақти кам гузаштаасту кори ин савдогар рушд карда, боигарияш низ зиёд гардидаст. Ӯ хостааст, ки дар ин сарзамини пурсаховат аз худаш номи нек гузорад. Вақте барои савдо ба Ҳинд меравад, иншооти чоркунҷаеро мебинад, ки чаҳор кунҷи он чаҳор манорачаи муъҷаз низ дошт аст. Вақте ӯ ба Бухоро бармегардад, аз пайи сохтани чунин бино мешавад. Мегӯянд, ки манорачаҳои он ба чаҳор шаҳри номвари Машриқзамин — Бухоро, Урганч, Деҳнав ва Тирмиз ё ки бахшида ба чаҳор нафар фарзандони амири он замон сохта шудааст (солҳои 1806-1807).

Албатта, манораҳо ба ҳусни шаҳрҳо меафзоянд. Аммо боз як чизи дигар, ба Манораи Калони Бухоро вазифаи дигареро нисбат додаанд, гӯё дар гузашта ҷиноятқоронро аз болои он мепартофта бошанд, яъне манора ҳамчун иншооти ҷазодиҳанда истифода шудааст, ки дар наздикии он қад афрохтани биноҳои муқаддас – Мири Араб ва Масҷиди Калон ин фикрро тамоман рад мекунад.

Набия НОДИРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Қарз ба хуб анҷом додани корҳо даъват менамояд, вале муҳаббат водор месозад, ки он корҳо зебо бошанд.

Зиг Зиглер.

Кору амали инсонҳо тарҷумони афкору андешаи онҳост.

Ҷон Лок.

Вақте дарё пуроб аст, моҳӣ мӯрчаҳоро мехӯрад, дарё чун хушк шуд, мӯрчаҳо моҳиро мехӯранд. Бояд ҳеч кас такя бар бартариҳои муваққатии худ накунад.

Аврелий Августин.

Шумо метавонед зебоиро дӯст доред, вале танҳо метавон ошиқи рӯҳ шуд.

Уилям Шекиспир.

Унвонҳо ороиши аблаҳонаанд. Бузургонро ном кофист.

Фредрих II Бузург.

Хушбахтӣ ҳадаф нест, он маҳсули рӯзгори солим аст.

Ҷон Голсуорси.

Зебоиро дида тавонистан аз он аст, ки ту ботини зебо дорӣ.

Пауло Коэло.

Зебоӣ муҳаббатро ба вуҷуд намеоварад, балки муҳаббат водор месозад, ки мо зебоиро бубинем.

***

Дар ҷустуҷӯйи Худо бош, Ӯ туро танҳо намегузорад.

Л. Толстой.

Имрӯз табибон арзиши бемориро нисбат ба табобаташ беҳтар медонанд.

Гарри Симанович.

Ислоҳ накардани хатоҳои пешина хатои бузург аст.
Конфутсий.

Зиндагӣ муборизаи доимӣ байни хоҳишу манъкуниҳост.

Зигмунд Фрейд.

Бебадалҳо нестанд, вале нотакрорҳо ёфт мешаванд.

Пабло Пикассо.

Дар ҳар он чӣ, ки ҳикмат нест, зебоӣ буда наметавонад.

Этен Луи Булле.

Тарҷума ва таҳияи
А. СУБҲОН.

ОВОЗИ ТОҶИК

2 ноябри соли 2024 № 88 (15099)

Ба ифтихори 100-солагии «Овози тоҷик»

ВОҲЎРИИ ХОТИРМОН

Ҳама медонанд, ки Бухоро аз қадимулайём ба сифати яке аз марказҳои тамаддуни олам, маскани илму маърифат, тиҷорату ҳунармандӣ, дину диёнат ва ҳамзистии осоиштаи халқҳо шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Дар ин ҷо баробари тоҷикону ӯзбекон қавму миллатҳои дигар низ тӯли асрҳо бо ҳам аҳлу тифоқ ба сар мебаранд. Хушбахтона, ин анъана дар мамлакати мо имрӯз ҳам ба шарофати сиёсати оқилонаи роҳбари давлат торафт инкишоф меёбад.



Зиёиён хуб медонанд, ки аввалин рӯзномаи тоҷикӣ дар минтақаи Осиёи Миёна ҳанӯз дар даврони аморати Бухоро, яъне соли 1912 таҳти унвони «Бухорои шариф» дар Когон интишор ёфтааст. Дар Бухоро на фақат мухлисони «Овози тоҷик» зиёданд, балки фарзандони худогоҳи ин сарзамини бостонӣ низ таҳти роҳбарии адиби бузурги ду халқи бародар Устод Садриддин Айнӣ бобати таъсис додану оммавӣ гардондани «Овози тоҷик» саҳми арзанда гузоштаанд.



Алҳол дар ҳудудҳо ба амал омадани мулоқот, вохӯрӣ, тадбирҳои гуногуни фарҳангӣ ба муносибати 100-солагии «Овози тоҷик», бешубҳа, самараи ғамхорӣ ва эътибори давлат ба дӯстии халқҳост.

29 октябри соли равон факултаи филологияи ДДБ намуди идона дошт. Чанд рӯз ҷамоаи факулта якҷо бо Маркази милливу мадании тоҷикону форсҳои вилояти Бухоро – «Офтоби суғдиён» ба муносибати 100-солагии «Овози тоҷик» ба тадбири фарҳангӣ ва мулоқоти эҷодӣ тайёрӣ диданд. Инак, рӯзи интизорӣ фаро расид. Даъватшудагон пасу пеш ба факулта ташриф меоварданд. Сафи меҳмонон афзуд. Декан, доктори илмҳои филологӣ, профессор Қаҳрамон Тӯхсанов онҳоро бо ҳаёти факултет, ҷараёни корҳои басомонрасида шинос кард. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ин ҷо дар қатори мутахассисони ояндаи соҳаи ахбор, филологҳои ӯзбеку рус филологҳои тоҷик низ тарбия карда мешаванд. Ҳоло шуъбаи тоҷикӣ се гурӯҳ дорад...

Даромадгоҳу роҳравҳои факултаро портретҳои асосгузорони адабиётҳои тоҷик, ӯзбек, рус, суратҳои якҷояи президентҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон, осору мусаввадаҳои онҳо, асарҳои бузургони адабиётҳо, дӯхтаҳои солҳои гуногуни «Овози тоҷик», шиору плакатҳо оид ба дӯстӣ ва ғайра оро медоданд. Дар гӯшае санъаткорони шуъбаи вилоятии Филармонияи давлатии Ӯзбекистон бо либосҳои миллӣ таҳти роҳбарии Рауф Авезов суруду тароналхонӣ мекарданд.

Мухбирону суратгирони «оинаи нилгун» саргарми муҳокима карда, меҳмонон – кормандони рӯзнома: ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой Икромов, мухбирони рӯзнома дар вилоятҳои Самарқанду Навоӣ Зоҳир Ҳасанзода ва Ӯзбакбой Раҳмонро ба ҳозирон муаррифӣ намуд. Сипас, аз хусуси машаққати касби рӯзноманигорӣ ҳарф зад.

Навбат ба донишҷӯёни шуъбаи тоҷикии ДДБ расид. Онҳо ба иштироккунандагони тадбир дар бораи таърихи якасраи «Овози тоҷик», мақоми вай дар ҷомеа, ҳайати таҳририя ва хабарнигорони рӯзнома маълумот дода, дар васфи рӯзнома ва забони модарӣ шеърҳо қироат карданд.

Азбаски иштироккунандагони тадбир, хусусан донишҷӯён гунонунзабон буданду мулоқоти эҷодӣ ба иди дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек шабоҳат дошт, табрику маърӯзаҳо ба ҳар ду забон сурат гирифт.

Ҷонишини сармуҳаррири «Овози тоҷик» Тоҷибой Икромов ҳангоми суханронӣ ба ироаи роҳи пуршарафи рӯзнома, масъулияти рӯзноманигорӣ, ғамхориҳои давлат, сарвати бебаҳо будани дӯстии халқҳоямон таваққуф намуд.

– Мо дар ин ду соли охир бори дуюм аст, ки аз эҳтиром ва меҳмондӯстиву меҳмоннавозии бухороиён бархурдор мегардем, – гуфт вай.

Маърӯзаи хабарнигори «Овози тоҷик», муҳаққиқи рӯзномаи «Бухорои шариф» Ӯзбакбой Раҳмон дар бораи нақш ва мақоми ин рӯзномаи аввалини тоҷикӣ барои иштирокдорони мулоқот шавқовар буд.

Мухбири «Овози тоҷик», нависанда Зоҳир Ҳасанзода зимни суханронӣ мақоми таърихии ду шаҳри бостониро чун моияи ифтихори мамлакат таъкид намуда, дархостҳои нек орзу кард.

Иштироккунандагони тадбир: роҳбари шуъбаи вилоятии Маркази маънавият ва маърифат Марҳабо Пардаева, роҳбари шуъбаи вилоятии Агентии кинематографияи Ӯзбекистон Алӣ Чориев, раиси Маркази милливу мадании тоҷикону форсҳои вилояти Бухоро Рауф Авезов, мухбири ҷамоатӣ Алимурод Темиров ва дигарон аҳли эҷод ва мухлисони сершумори «Овози тоҷик»-ро чун парчамбардори дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек, мояи ифтихор ва минбари волои тоҷикон ва тоҷикзабонони Ӯзбекистон табрику муборакбод намуданд.

Санъаткорони шуъбаи вилоятии филармония, аз ҷумла Ҳамид Ашуров, Ӯлмас Рустамов, инчунин раққосагон бо савту сурудҳои дилнишин ва рақсҳои ҷаззоб ба иштироккунандагони тадбир нишоту шодӣ бахшиданд.

Ҳамин тариқ, ҷашни 100-солагии «Овози тоҷик» дар Бухоро ба иди дӯстӣ ва меҳру оқибат табдил ёфта, хеле муассир ва хотирмон гузашт.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

ҲАМКОРИҲО САМАРА МЕДИҲАНД

Ислоҳотҳои ояндасоз дар кишвар барои рушду нумӯи ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ бо муассисаву ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ имкониятҳои васеъ фаро овардааст. Ин ҷараён дар соҳоти тибб низ хуб ба мушоҳида мерасад.

Директори Маркази шуъбаи навоигии такмили ихтисос ва бозомӯзии ходимони сатҳи миёнаи фарматсевтика ва тиббии ҷумҳурӣ Валӣ Тӯрақулов мегӯяд, ки моҳи июли соли равон бо як гурӯҳ кормандони соҳаи тибб ба Донишгоҳи тиббии Ҷумҳурии Беларус ва коллеҷи тиббии шаҳри Витебск сафари корӣ доштем. Дар он бо сохтори ташкилии муассисаҳои тиббӣ, нақшаҳои таълимӣ, ҷараёни фаъолияти амалии кормандон, муҳофизати ҳуқуқи модариву фарзандӣ ва ҷараёни таълимӣ-омӯзишии гурӯҳҳои доягӣ аз наздик шинос шуда, таҷрибаи табибони беларусро омӯхтем. Ҳамчунин бо роҳбарони муассисаҳои мазкур мулоқот намуда, дар бораи ҳамкориҳои дуҷониба меморандуми байналмилалӣ имзо намудем.

Тибқи ин меморандум чанде пеш намояндагони муассисаҳои тиббии Беларус ба Навоӣ бо сафари корӣ омаданд. Дар ин сафари корӣ профессори Донишгоҳи давлатии тиббии Беларус Васил Аверун ва номзади илмҳои тибб Андрей Запалянский ҳамроҳӣ доранд. Онҳо дар Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии ходимони сатҳи миёнаи тибб машғулиятҳои амалӣ гузаронидаанд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Ба муносибати 75-солагии нависанда Бекназар Тӯйназар

ЗИНДАГӢ БО АМРИ ДИЛ



АЗ ПАЙИ ОРЗУ

Тирамоҳи соли 1949. Дар фазои диёр гӯё ҳанӯз оқибати гарони ситаму хунрезиҳо ба чашм мерасиду аз ҳавои кӯҳсор бӯйи оташандозиву оташсӯзиҳои ҷанги ҷаҳонӣ ба димоғ мезад. Пас аз вазнинтарин ва мушкилтарин имтиҳони инсоният дар асри бистум, ҳаёти мардум дубора маромаи пешинаи худро дарёфта, рӯ ба беҳбудӣ меовард. Дар яке аз чунин рӯзҳои тирамоҳ – 4 ноябр дар хонадони сокини деҳаи Эҷи ноҳияи Фориш (ҳоло ноҳияи Нурато) Тӯйназарпаҳлавон писари дувум ба дунё омад. Азбаски охирҳои моҳи майи ҳамон сол қиблагоҳи Тӯйназар – бобои Бекназар фаврида буд, аз қудуми меҳмони нав беш аз ҳама падар хурсанд шуд. Дар худ меболид, ки падар дар симои тифли навзодаш баргашт ва вақте масъалаи интихоби ном ба миён омад, бо як овоз «номи падарамро мегузорем» гуфт. Аҳли оила ин хости сарвари хонадонро дастгирӣ карданд ва ба тифл Бекназар ном ниҳоданд.

Бекназар аз айёми кӯдакӣ чолок, хушзеҳн, дидадаро ва дар мактаб аълохон буд. Ҳамзамон, овози хушу гӯшнавоз дошт. Дар чорабинӣ, нишасту маҳфилҳои мактаб сурудхонӣ мекард ва аз ҳамон айём дар дил орзуи санъаткор шуданро мепарварид.

Рӯзе пайвандон дар хонаи онҳо ҷамъ омаданд ва кадоме аз Бекназар, ки дар остонаи хатми мактаб қарор дошт, дар бораи орзуву нақшаҳояш пурсон шуд.

– Насиб бошад, ҳофиз мешавам, – гуфт Бекназар.

– Аз мо ягон санъаткор набаромадааст, – луқма партофт амакаш. – Хаёлҳои хомро аз сар дур карда, дар ин бора ҷиддитар фикр кун.

Баъд аз ин воқеа Бекназари ҷавон дар мавриди касб бисёр андешид. Намедонист, ки ба кадом роҳ равад, чӣ гуна пешаро интихоб кунад. Азбаски дар мактаб аз фанҳои математика ва физика бо баҳои аъло мехонд, пеши худ ахд кард, ки муаллим шавад. Синфи даҳумро дар мактаби ҳамагонии рақами 38-и деҳаи Синтаб хонд ва пас аз хатми он, бо даъвати маъмурияти мактаби рақами 43-юми зодгоҳаш дар ин ҷо чун сардори ҷавонон ба кор сар кард.

Ӯ ҷавони боистеъдод, хушахлоқ, ташаббускор буд. Аз рӯзҳои аввали кор кӯшид, то ба тадбиру маҳфилҳои мактабӣ рангу ҷилои тоза бахшад. Чорабиниҳоро дар сатҳи хуб ташкил намояд. Пайи иҷрои ин мақсад донишомӯзони фаъолу лаёқатмандро ҷалб кард.

Рӯзе пеши ҷонишини директор оид ба корҳои таълимии мактаб, шодравон Даврон Мансуров даромада:

– Муаллим, пас аз чанде зодрӯзи устод Садриддин Айнист ва мехоҳем ба ин муносибат тадбире ташкил карда, дар он дар асоси повести «Марги судхӯр» саҳначаеро намоиш диҳем.

– Ташаббуси нағз, – гуфт Даврон Мансуров. – Ин фикрро дастгирӣ мекунам. Лекин гап дар сари он, ки оё аз ӯҳдаи ин кор баромада метавонед?

– Метавонем, – бо боварӣ ҷавоб дод Бекназар.

Баъди иҷоза гирифтан ӯ бо шогирдон нахуст воқеаҳои ҷолибу шавқовари повестро интихоб намуд, вазифаву нақшҳоро тақсим ва ҳар рӯз баъд аз дарс саҳначаҳоро машқу тамрин кард. Машқи давомдор, меҳнати пайваста ва хоҳишу иродаи шогирдон самараи худро дод: онҳо аз ӯҳдаи иҷрои вазифа баромаданду саҳначаи ҷолибу хотирмон гузоштанд.

Зимистони соли 1966 дар мактабҳои гирду пеш ба муносибати 50-солагии зодрӯзи шоир Ҳабиб Юсуфӣ чорабинӣ ва маҳфилҳои адабӣ баргузор гардиданд. Бекназари талошкору заҳматписанд, ки қобилияти хуби ташкилотчигӣ дошт, асарҳои шоир ва китобу мақолаҳоро дар бораи Ҳабиб Юсуфӣ ҷамъ карда, хонд. Баъд сенарияи чорабинӣ бахшида ба солгарди шоирро таҳия карда, онро низ дар сатҳи олӣ, бошукӯҳу хотирмон гузаронд.

Ин муваффақиятҳо ба Бекназар илҳому болу пар бахшид ва ӯ бо шогирдон дар давоми ду соли фаъолият ба ҳайси сардори ҷавонон боз бисёр саҳнаву намоишҳоро омода карда, ба комёбиҳои зиёд мушарраф гардид. Кори худро бо амри дил, содиқона иҷро карда, на фақат аз дилу дидаи омӯзгорону донишомӯзон, балки падару модари шогирдонаш низ ҷоҳ гирифт. Муҳити мактаб, кор бо хонандагон, мутолиаи асарҳои бадеӣ ба рӯҳияи Бекназар бетаъсир намонданд. Акнун ӯ ба зиндагӣ бо чашми дигар менигарист. Мақсаду мароми аниқ дошт ва ҳамин ҳадафу орзуҳо ӯро ҷониби шаҳр кашиданд...

ДАР МИЁНИ КӮҲСОРОН САХТҶОНАМ ЗОДААНД...

Бекназар тобистони соли 1967 ҳуҷҷатҳои худро ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ супорид. Ин бесабаб набуд. Ҳангоми кор дар мактаб бо ҳаёт ва эҷодиёти аксар шоиру нависандагон ошно шуда, ба шеъру адаб дилбастагии зиёд пайдо карда буд. Мутолиаи асарҳои Устод Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, ашъори Мирзо Турсунзода, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Лоиқ Шералиро хеле дӯст медошт ва бо меҳру иҳлоси баланд мехонд. Ҳатто аз онҳо илҳом гирифта, гоҳо андешаҳояшро рӯйи коғаз ҳам меовард.

Толеи неку бахти баланди Бекназар буд, ки дар имтиҳони қабул мавзӯи «Ҳабиб Юсуфӣ – шоири ватандӯст ва ҷанговар» омад ва ӯ, ки бо рӯзгору осори шоир хеле хуб ошно буд, аз имтиҳонҳо баҳои хубу аъло гирифта, донишҷӯ гардид.

Баробари оғози соли таҳсил Бекназар аз дукони «Тоҷиккитоб»-и шаҳр як баста китоб ва аз мағозаи асбобҳои навозандагӣ рубоб харид.

Дар лаҳзаҳои бекору фориғ аз дарс, китоб мехонд. Ҳамин ки аз мутолиа хаста шуд, рубоб навохта, суруд замзама мекард. Баъзан дар ҷамъомаду маҳфилҳо ва гоҳо дар тӯю сури хешовандон низ суруд мехонд. Ба қавле ғубори дил мебароварад, дардҳояшро таскин мебахшид.

Ҳамзамон, рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон, қариб ҳар як шумораи «Ҳақиқати Ӯзбекистон»-ро мехонд.

Мутолиаи пайваста ҷаҳони маърифату маънавияти Бекназарро рангинтару фарохтар кард. Акнун ӯ ба воқеоту рӯйдодҳои гирду атроф наметавонист бетараф бошад. Дар бораи зиндагӣ, шебу фарози умр, муносибати байни инсонҳо, эҳсосоти ҳаҷиби инсонӣ бисёр фикр мекард. Ба як маънӣ, гӯё ҳақиқати зиндагиро меҷуст ва аз воқеияти умр илҳом гирифта, андешаҳояшро менавишту ба рӯзномаву маҷаллаҳо мефиристод.

Соли 1971, арафаи супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ва хатми донишкада буд, ки Бекназар ва ҳамкурсаш Ҳамроҳбой Гадоевро ба идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» даъват карданд.

Вақте ба Тошканд рафтанд, сармуҳаррир Шавкат Ниёзов ба онҳо гуфт, ки пас аз хатми донишкада, албатта, ба идораи таҳририят биёянд. Бекназар донишкадаро хатм карда, хост дар рӯзнома кор кунад. Аммо аз донишкада ба ӯ ба вақҳи «ду сол бояд дар соҳаи маориф кор кунӣ», иҷозат надода, бо роҳхат ба деҳаи зебоманзари Заркенти ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд фиристоданд. Дар ин ҷо ду сол аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс дод.

Соли 1973 ӯро ба хидмати низомӣ даъват карданд. Ҳини омодагӣ ба хидмат, дар борхалтаи сафар, баробари колои хидматӣ, ду дона китоб – «Роҳи каҳкашон»-и Чингиз Айтматов ва «Соҳилҳо»-и Лоиқ Шералиро бо худ гирифт.

Дар хидмат ҳар гоҳе дилтанг шавад, ё ёди Ватану зодгоҳ, аҳли хонавода кунад, ин китобҳоро ба даст мегирифту мехонд ва мунтазам ин мисраъҳои Лоиқро зери лаб такрор мекард:

Дар миёни кӯҳсорон сахтҷонам зодаанд,
Дар раҳи куҳсор баҳри имтиҳонам зодаанд,
Волидайни бенишонам чун нишонам зодаанд,
Дар диёри камзамине бекаронам зодаанд...

Ӯ ҳангоми хидмат низ қаламро аз даст нагузошт. Чанд андеша ва ҳикоя навишта, ба рӯзнома фиристод. Як сол дар сафи нируҳои зиддиҳавоии воқеъ дар шаҳраки Одинсовои вилояти Маскав адои вазифаи ҷавонмардӣ карда, бо сари баланд ба зодгоҳ баргашт.

«БАРОИ ГОНОРАР НАНАВИСЕД!»

Бекназар чанд гоҳ дар деҳа монд. Рӯзе бо директори ҳамонвақтаи мактаб, шодравон Ӯзбекбой Рӯзиев вохӯрд.

– Нақшаҳо чӣ хел? – пас аз ҳолпурсӣ савол дод муаллим.

– Надонам, – китф дарҳам кашид Бекназар.

– Шумо бо ҷамоаи мактаб шинос, – гуфт Рӯзиев. – Таҷрибаи бо хонандагон кор кардан ҳам доред. Аз Заркент ҳуҷҷатҳоятонро гирифта, ба деҳа баргардед. Мо шуморо сардори ҷавонон таъин мекунем, бар илова дарсҳои забон ва адабиётро ҳам медиҳем.

Ӯ аз даъвати устод хушҳол гардида, пас аз чанде Заркент рафт ва ҳуҷҷатҳояшро гирифт. Ҳангоми бозгашт, нерӯи ноаёне, шояд ҳамон меҳр ба қалам, рӯзнома ва навиштан буд, ки ӯро ҷониби идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳидоят кард. «Як сари қадам аз устодон хабар мегираму бармегардам» гуфт дар дил ва ба идораи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» рафт.

– Мо ба кадрҳои ҷавон ниёз дорем, – гуфт сармуҳаррир Шавкат Ниёзов. – Шумо деҳа намеравед. Дар рӯзнома кор мекунед.

Бекназар розӣ шуд. Ин соли 1974 буд. Чанд муддат чун мусаҳҳеҳ ва ёвари мудири шуъбаи кишоварзӣ фаъолият намуд.

Азбаски худ аз ибтидо дар соҳаи маориф кор кардаву аз дарду ниёзи омӯзгорон то ҳадде воқиф буд, барои навиштани мақолаҳо дар бораи мактабу маориф таваҷҷуҳи бештар дошт. Пайваста ҷустуҷӯ ва худомӯзӣ мекард. Нашрияҳои махсуси соҳаи мактабу маориф, мақолаҳои вобаста ба таълиму тарбия, ҳаёти омӯзгоронро аз рӯзномаю маҷаллаҳо мехонд. Мехост навҷӯиву навгӯиҳо кунад. Қолабҳоро шиканад ва барои рӯзномахонҳо чизи тоза нависад. Бо ин мақсад, саҳифаҳои махсус ташкил кард. Ҳамкориро бо муштариёни рӯзнома, бахусус, муаллим ва мураббиён бештару бехтар намуд.

Рӯзе ҷонишини сармуҳаррир Муҳсин Умарзода ӯро назди худ хонда:

– Мебинам, ки доим китобу рӯзнома мехонед ва хеле мушоҳидакор ҳастед, – гуфт. – Ман аз ин хурсанд. Бо вуҷуди ин, мехоҳам ба навиштаҳои худ боэътибор бошед. Имзои худро ҳурмат кунед. Мақолаву матолиберо нависед, ки шавқовар, ҷолиб ва хонданӣ бошад. Беҳудагӣ накунед ва ҳеҷ гоҳ барои гонорар, ҳаққи қалам нанависед.

Бекназар Тӯйназаров ин гуфтаҳои устодро чун ҳалқа ба гӯш кард ва дар ин даргоҳ то синни бознишастагӣ, яъне то соли 2009 фидокоронаву таҳтидилона ифои вазифа намуд. Ин ҳама заҳмату меҳнат самари худро дод. Тӯли фаъолият ба комёбиҳои зиёд ноил гардид. Соли 1999 дар озмуни ҷумҳурии «Беҳтарин журналисти сол» ғолиб омад. Соҳиби медали «Шуҳрат» шуд.

Ӯ ҳаёту фаъолияти худро ба кори матбуоту эҷод бахшида, бо тахаллуси Бекназари Дарӣ очерк, эссе, ҳикоя, ҳаҷвия ва силсилаи резасухану андешаҳо навишт, ки он ҳама дар китобҳои «Бори дил» (1999) ва «Дар кӯчаҳои шаҳр» (2011) гирдоварӣ шудаанд.

Бекназар Тӯйназар чун адиби варзида ва журналисти боистеъдод дар ҳавзаи адабии Ӯзбекистон мавқеи хоси худро дорад, дар навиштаҳои мавсуф аз зиндагии мардум, муносибати байниҳамдигарии одамон, шебу фарози умр, неку бади ҳаёт сухан меравад.

Ҳоло Бекназар Тӯйназар дар пойтахт бо ҳамсари вафодори худ – апаи Сатира дар иҳотаи фарзандон – Фаррух, Фозил, Зебо ва наберагон даврони пирӣ меронад.

Аз назари некбинонаи устоди мулоҳизакор ва дурандеш Бекназар Тӯйназар ишқ маънои зиндагист ва маҳз ишқ аст, ки ба дасти ӯ қалам додаву варо эҷодкор кардааст. Ва агар дар зиндагӣ ба комёбие расида бошад, ин аз баёни ҳақиқати зиндагист. Яъне, ҳамеша сафедро сафеду сиёҳро сиёҳ гуфтаву навиштааст ва маҳз ҳамин тариқи кор ӯро ба орзуҳои дилаш, ба зиндагии хушбахтона ва пурсаодат расондааст.

Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
мухбири «Овози тоҷик».

ТУРО МО ДӮСТ МЕДОРЕМ

(Барои устод Бекназар)

Ало, ай дӯсти ҷонӣ,
туро мо дӯст медорем,
Бародарвор, медонӣ?,
туро мо дӯст медорем.

Агарчи канда аз мой,
куҷо барканда аз мой,
Ба мой, ҳам ба мо монӣ,
туро мо дӯст медорем.

Дар ин «Овоз»-и шод аз ту,
ки ҳасту бод ёд аз ту,
Зи хайли беҳтаринонӣ,
туро мо дӯст медорем.

Дар он ҳам сохтӣ бо ёру гаҳ ҳам
низ бо ағёр,
Бад-ин шоиста инсонӣ,
туро мо дӯст медорем.

Ба ҳаҷву шӯхии беғаш,
ҳикоёти хушу дилкаш,
Адиби хуби давронӣ,
туро мо дӯст медорем.

Дар ону соати пирӣ,
бизӣ бо давлати пирӣ,
Хушиҳо бодат арзонӣ,
туро мо дӯст медорем.

Ба хӯву сирати некӯ,
ба рӯву сурати дилҷӯ,
Сазои шеъри Паймонӣ,
туро мо дӯст медорем.

ПАЙМОН.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.